**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Хуршед Алихонович дар мавзӯи "Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забони хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти Шарипов Х.А. ба яке аз масъалаҳои мубрами методикаи муосир - таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ») бахшида шудааст. Дар робита ба ин Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014» ва тамдиди он то соли 2020 ва «Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» самтҳои асосӣ ва вазифаҳои таҳсилоти иттилоотӣ-коммуникатсиониро возеҳу равшан муайян кардааст.

Мусаллам аст, ки барои истифодаи имконоти нави таълими мобилӣ дар раванди таълим, корҳои ташкилӣ, таҳқиқотӣ ва методӣ барои ҷорӣ намудани стратегияҳо, шаклҳо ва усулҳои муосири таълими технологияи мултимедӣ ба раванди таълим зарур аст.

Омӯзиш ва баррасиҳо дар самти таълими забонҳои хориҷӣ бо ёрии технологияҳои сайёру мултимедӣ чунин натиҷаҳо ба бор меоранд, ки вазифаҳои аз ҳама васеъ истифодашавандаи телефонҳои мобилӣ, SMS-паёмнависӣ ва ҳисобкунак мебошанд, ки инҳо натиҷаи мантиқӣ доранд.

Мубрамияти таҳқиқоти Шарипов Х.А. дар он зоҳир гардидааст, муаллиф роҳҳои истифода аз технологияҳои мултимедиро дар омӯзиши забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»)» ҳаллу фасл

намудааст. Тавре муаллифи рисола қайд намудааст, агар мо шумораи донишҷӯёнеро, ки омодаанд аз телефонҳои мобилӣ дар соҳаи маорифу таҳсилот истифода баранд, бо шумораи корбарони технология дар графикаи махсус муқоиса кунем, метавонем ба хулосае оем, ки шумораи корбарони эҳтимолӣ аз шумораи навоварон хеле зиёдтар аст ва қобилияти ташаккул додани аксарияти аввалияро дорад. Ҳамин тариқ, аксарияти донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати техникӣ ва равонӣ ба истифодаи технологияҳои мобилӣ дар таълим омодаанд. Баъзеи онҳо ба имконоти наве, ки тавассути омӯзиши мобилӣ фароҳам оварда мешаванд, ишора мекунанд.

Мутобиқи нишондодҳои авторфереферати диссертатсия ва ҳадафу вазифаҳои диссертатсия он мантиқан аз муқаддима, ду боби асосӣ, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар аппарати илмии автореферат мухимияти мавзӯи таҳқиқот асоснок гаштааст, проблема, ҳадаф, объект, предмет, фарзия, вазифаҳо баён шудаанд, асосу бунёди назариявӣ-методологии тадқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада пешкаш шудааст, пойгоҳи корҳои таҷрибавӣ-экспериментали баён ва тавсиф гаштааст, навгониҳои илмии таҳқиқот кушода дода шудаанд, аҳамият ва арзишмандии назариявӣ ва амалии кор зикр шудааст, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодгашта ба расмият даровварда шудаанд.

Хулосаи диссертатсия ҷамъбасти андешаҳои илмии диссертантро дар бандҳои алоҳида фаро мегирад, ки мазмуну моҳияти тадқиқоти диссертатсиониро ба тариқи мухтасар инъикос менамояд.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки дар ҳаллу фасли вазифаи пешбинишуда унвонҷӯ далелу маводҳои заруриро ба тариқи васеъ истифода мебарад. Муаллиф оид ба адабиёти илмии зарурӣ барои тадқиқоташ хуб огоҳӣ дорад.

Ба андешаи мо, рисолаи диссертатсионии Шарипов Х.А. таҳқиқоти мукаммалан ба итмомрасида буда, муаллифи он омӯзишу таҳлили масъалаи душвору мубрам, хосатан, корбарии технологияи сайёру мултимедиро зимни омӯзиши забони англисӣ мувафаққона ва дар ҳаҷми кофӣ ҳаллу фасл намудааст.

Автореферат, китобу дастур ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ мазмуну муҳтавои диссертатсияро ифода мекунанд.

Тадқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри солим 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарипов Хуршед Алихонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забони хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
Дотсенти кафедраи забони русӣ
ва таҳсилоти касбии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Хусанова Т. К.

Имзои дотс. Т.К. Хусанова-ро
тасдиқ менамоям.
Сардори ШК ва КМДТТ Н.А. Бухориев

Барои тамос:
ш.Душанбе, кучаи Н.Карабоев
Тел.: 935300333
01.12. 2020